## Барномаи нерӯи сабзи Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Кишвар:** | ТОҶИКИСТОН |
| **Рақами лоиҳа:** | 51666 |
| **Соҳаи фаъолият:** | Энергетикаи Авруосиё |
| **Намуди эълон:** | ДАВЛАТӢ |
| **Категорияи экологӣ:** | FW |
| **Санаи тасдиқи банақшагирифташуда:** | 06 маи с. 2020 |
| **Ҳолат:** | Консепсияи баррасӣ гардид |
| **Санаи нашри ШМҲ:** | 06 марти с. 2020 |

### Шарҳи лоиҳа

Пешниҳоди маблағҳои қарзи давлатӣ дар ҳаҷми умумии то 100 миллион евро барои мусоидат дар барқарорсозии соҳаи энергетикаи Тоҷикистон.

### Ҳадафҳои лоиҳа

Маблағгузорӣ дар доираи Барнома ба ҳукумат имкон медиҳад, ки зерсохтори мавҷудбудаи тақсимот ва интиқоли барқ барқарор карда шуда, самаранокии истифодаи нерӯ баланд бардошта шавад ва ҳаҷми партовҳои CO2 ба муҳити зист коҳиш дода шавад. Ин тавассути насби ҳисобкунакҳои ҳушманд ва ҷорӣ намудани САБТН (системаи автоматикунонидашудаи баҳисобгирии тиҷоратии нерӯи барқ) бо ҳадафи умумии беҳтар намудани дастрасӣ ба зерсохтори боэътимоди нерӯи барқ ба даст хоҳад омад.

### Таъсир ба раванди гузариш

Ҳадафи асосии Барнома баланд бардоштани самаранокии истифодаи нерӯ дар бахш ва таъмини дастрасӣ ба зерсохтори боэътимоди бахши энергетика маҳсуб меёбад. Таъсири Барнома дар раванди гузариш бар хусусиятҳои таъмини “устуворӣ” ва “ҳамгироӣ”, аз он ҷумла бар ҳадафҳои иловагии алоқаманд бо беҳсозии шабака, асос меёбад. Чорабиниҳои пешбинишуда оид ба муколамаи сиёсӣ такмили заминаи меъёриро аз нуқтаи назари баланд бардоштани иқтидори мақоми танзимкунандаи навтаъсис, дар бар мегирад. Бо равонасозии сармоягузориҳо ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи нерӯ, Барнома дар раванди

гузариш ба иқтисоди сабз ва инкишофи иқтисодиёти аз лиҳози экологӣ устувор саҳми босазо ҳоҳад гузошт.

**Маълумот дар бораи муштарӣ**

Маблағҳои қарзии БАТР дар доираи Барнома ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд ва ба Ширкати тақсимкунандаи нерӯи барқ, Ширкати интиқолдиҳандаи нерӯи барқ ё Ширкати тавлидкунандаи нерӯи барқ, ки дар доираи тақсими ШСХ Барқи Тоҷик таъсис меёбанд, дар доираи созишномаи зерқарзӣ аз нав пешниҳод мегарданд.

**Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР**

100,000,000.00 евро
Барнома дар якҷоягӣ бо IFI/DFI маблағгузорӣ мегардад.

**Арзиши умумии лоиҳа**

200,000,000.00 евро

**Маълумоти мухтасар дар бораи масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ**

Мутобиқи сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ аз с. 2014 худи Барнома ба категорияҳо ҷудо карда намешавад ва ҳар як зерлоиҳа бо дастгирии машваратчии мустақил тахти санҷиши пурраи экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа ва сарпараст қарор дода мешавад. Барои ҳар як зерлоиҳа хулосаи мушаххаси ғайритехникӣ (ХМҒ), нақшаи амал оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (НАЭИ) ва Нақшаи ҷалби тарафҳои манфиатдо (НҶТМ) (агар лозим бошад) таҳия карда мешавад, то ки мувофиқат ба талаботҳои БАТР нисбати татбиқи лоиҳаҳо таъмин карда шавад. Интизор меравад, ки зерлоиҳаҳо ба категорияи Б дохил карда мешаванд. Ҳар лоиҳае, ки ба категорияи А шомил мегардад бояд талаботҳои Бонкро оид ба гузаронидани АТЭИ ба пуррагӣ қонеъ намояд. Маблағҳои кӯмаки техникӣ барои дастгирии татбиқи барномаи таҳкими иқтидор ва дастгирии рушди таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар сатҳи ширкат сафарбар карда мешаванд.

**Ҳамкории техникӣ**

Маблағҳои ҲТ барои маблағгузории таҳкими иқтидори бахши танзимкунандаи навтаъсис ва дастгирии гуруҳҳои татбиқи лоиҳа ҳангоми омодакунӣ ва татбиқи зерлоиҳаҳо дар доираи Барнома мавриди ҷустуҷӯ қарор дода мешаванд.

**Қисмҳои иловагӣ**

**Маълумоти ширкат барои тамос**

Барои ҳар як зерлоиҳа дар алоҳидагӣ пешниҳод мегардад